Ба Шурои диссертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, к. Деҳотӣ, 1/2)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи “Рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст**

Соҳибкорӣ ҳамчун як шакли фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ дар рушди иқтисодиёти кишвар нақши калидӣ дорад. Соҳибкорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди бозории ҳар як кишвари пешрафта мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ва рушди соҳибкорӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад.

Айни замон яке аз шаклҳои асосӣ ва маъмул ин соҳибкории истеҳсолӣ ба шумор меравад. Соҳибкории истеҳсолӣ фаъолияти инноватсионӣ, илмию техникӣ, истеҳсоли бевоситаи мол ва хизматрасонӣ, истеъмоли саноатии онҳо, инчунин фаъолияти иттилоотӣ дар ин соҳаҳоро дарбар мегирад. Дар тараққиёти иқтисодиёт, бешубҳа, соҳибкории истеҳсолӣ ва меҳнати худи соҳибкорон нақши калон мебозад.

Яке аз роҳҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба шумор мераванд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои рушди иқтидори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ, минтақаҳо ва маҳалҳои алоҳидаи он, фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт, нигоҳдории ҷойҳои кории мавҷуда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, ҷалби техникаи муосир ва технологияи инноватсионӣ, ташкил ва рушди инфрасохтори муосири нақлиётӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, беҳтар намудани сифати идоракунӣ, истеҳсоли маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир, баланд бардоштани иқтидори содирот ва рушди воридотивазкунӣ, ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ, фаъол гардонидани муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва

минтақаҳо, нигаҳдорӣ ва истифодаи самарабахши захираҳои табиии барқароршаванда ва барқарорнашаванда ташкил карда шудаанд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди корхонаҳои истеҳсолӣ, илмӣ-техникӣ, молиявию қарзӣ, иттилоотӣ, кадрӣ ва ҳуқуқӣ имкониятҳои васеъ доранд. Ҳангоми рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ имконияти соҳаи саноати миллиро бо технологияи муосир таъмин намудан имконпазир аст.

Аз ин рӯ, мавзӯи интихобкардаи муҳаққиқ Абдураҳмон Ҳакимзода актуалӣ мебошад.

Далелҳои овардашуда мубрам будани мавзӯи автореферати илмиро муайян намуда, аҳамияти илмию амалии онро тасдиқ мекунад.

Муҳиммият ва навгониҳои илмии автореферати диссертатсия дар таҳияи муқаррароти назариявӣ, методӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст.

Муаллиф дар автореферати диссертатсияи худ ҳангоми гузаронидани таҳқиқот аз усулҳои гуногуни илмӣ: усулҳои сабабу натиҷа, таҳлили SWOT, омӯзиши омилҳо, таҳлили оморӣ, таҳлили экспертӣ ва таҳлили муқоисавӣ истифода намудааст.

Ба ақидаи муаллиф, барои ташаккул ва рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар МОИ ҷалби бештари сармояи дохилию хориҷӣ, аз ҷониби бонкҳо додани қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат ба соҳибкорон, гузаронидани таҳқиқотҳои маркетингӣ ҷиҳати пешбурди фаъолияти самараноки соҳибкорӣ, рушди фаъолияти инноватсионӣ, таъмини саривақтии ашёи хоми хушсифати маҳаллӣ, рушди низоми логистикӣ, фурӯш ва ғайраҳо муҳим мебошад.

Сохтори автореферати диссертатсия ба талаботҳои муқаррargардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, бо хулосаҳои илмии муаллиф ҷамъбаст гардидааст.

Дар қатори муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳои зерин низ дида мешаванд:

1. Чи гунае, ки аз автореферати муаллиф маълум мегардад дар боби дуюми диссертатсия вазъи муосири фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ (саҳ. 68-112) мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст. Хуб мешуд агар дар ин боб ҷиҳати рушди муносибатҳои тиҷоратӣ, маркетингӣ, логистикӣ, фурӯш ва робитаҳои байналмилалии фаъолияти субъектҳои соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ тавсияҳои илмӣ-методӣ коркард ва пешниҳод мегардид.

2. Дар боби сеюми диссертатсия бояд аз ҷониби муаллиф самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар умум не, балки ба таври конкретӣ муайян карда шуда, ҳамзамон нақшаи дурнамо таҳия карда мешуд.

Бо вуҷуди ин, эродҳои овардашуда ба сатҳи илмию амалии автореферати диссертатсионӣ таъсири манфӣ намерасонад ва метавонанд аз ҷониби муаллиф дар таҳқиқотҳои оянда ба назар гирифта шаванд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи Абдураҳмон Ҳакимзода дар мавзӯи актуалӣ таҳия гардида, ба талаботи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 –Иқтисодиёти соҳибкорӣ) арзанда мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**дотсент, мудири шуъбаи рушди**
**хизматрасониҳои байналмилалию**
**дохилии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи**
**илмию таҳқиқотии иқтисодии Вазорати рушди**
**иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон»** **Солиев Н.Н.**

**Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Солиев Н.Н.-ро тасдиқ мекунам,**
**мудири шуъбаи кадрҳо, ҳуқуқ**
**ва коргузорӣ** **Раҳимов И.М.**

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ПАЖӮҲИШГОҲИ ИЛМИЮ ТАҲҚИҚОТИИ ИҚТИСОДИИ ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН» ШУЪБАИ КАДРҲО, ҲУҚУҚ ВА КОРГУЗОРӢ

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе 734002, кӯчаи С. Айнӣ 14/А
Тел: (+992 37) 222-23-64
Почтаи эл.: info@piti.tj